Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «08» 07 соли 2022, № 88
тасдиқ шудааст

# СТРАТЕГИЯИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2025

**Мундариҷа**


**ИХТИСОРАҲО ........................................................................ 3**

**МУҚАДДИМА ........................................................................ 4**

**1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ........................................................6**

**1.1 ҲОЛАТИ ҶОРИИ СОҲАИ ҲҲИХМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..........................................................................6**

*§1. Пешравӣ дар соҳаи дастрасӣ ва истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................ 6*

*§2. Муҳиммияти ҲҲИХМ .......................................................... 9*

*§3. Норасоиҳои асосии соҳаи ҲҲИХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ......................................................................... 10*

**1.2 ҲАДАФ, ВАЗИФАҲО ВА ПРИНСИПҲОИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ ........................................................................ 11**

*§1. Ҳадафу вазифаҳои асосии Стратегия ...................................... 11*

*§2. Принсипҳои татбиқи Стратегия ............................................ 12*

**2. СОҲАҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ҲҲИХМ ................................ 13**

*§1. Таҳкими ваколати БМТ ....................................................... 13*

*§2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҲҲИХМ ............................ 14*

*§3. Назорат ва ҳуқуқтатбиқкунӣ ................................................ 16*

*§4. Ифшои маълумот ва таъмини шаффофият ............................. 17*

*§5. Муносибати одилона ва рафтори корӣ .................................. 19*

*§6. Баррасии муроҷиатҳо.......................................................... 20*

*§7. Хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ..................................... 23*

*§8. Маърифати молиявӣ ........................................................... 24*

**3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ ........................ 26**

*§1. Самти асосии такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҲҲИХМ ................................................................................. 26*

*§2. Таҳияи низоми назорат ва роҳандозии назорати рафтор дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ ......................................... 30*

*§3. Чораҳои баланд бардоштани самаранокии раванди*

*баррасии муроҷиатҳо* ........ 32
*§4. Чораҳои баланд бардоштани маърифати молиявӣ* ........ 35
**4. ТАЪМИНОТ БО ЗАХИРАҲОИ КАДРӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРӢ ...... 37**
*§1. Захираҳои кадрӣ (ҳайати кормандон)* ........ 37
*§2. Маблағгузорӣ* ........ 38
**5. МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚ ........ 38**
*§1. Нақшаи амал* ........ 38
*§2. Мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии раванди татбиқи Стратегия* ........ 39

# ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| БҶ | Бонки Ҷаҳонӣ |
| ВМ ҶТ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МША | Маълумот дар бораишартҳои асосӣ |
| ММД | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| МФСС | Меъёри фоизи самараноки солона |
| МҲББ | Механизмҳои ҳалли баҳсҳои беруна |
| НДҲБ | Низомҳои дохилии ҳалли баҳсҳо |
| НПМ «Корти миллӣ» | Низоми пардохтии миллии «Корти миллӣ» |
| СМММ | Стратегияи миллии маърифати молиявӣ барои солҳои 2022-2026 |
| СМФМ | Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022-2026 |
| СМР ҶТ | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| СҲИР | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд |
| ТМХ | Ташкилоти маблағгузории хурд |
| ХЗҲҶТ | Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХМР | Хизматрасониҳои молиявии рақамӣ |
| ҲҲИХМ | Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ |
| G20 | Гурӯҳи 20 кишвари бузург |

# МУҚАДДИМА

Васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ яке аз афзалиятҳои рушд барои аксари кишварҳо ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ (СМФМ) василаи маъмулӣ барои муайян кардани ҳадафҳои миллӣ дар самти дастрасӣ, истифодабарӣ ва сифатнокии хизматрасониҳои молиявӣ мебошад.

Дар ин замина, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ (ҲҲИҲМ) ва саводнокии молиявӣ ҳамчун ҷузъи асосии дастрасии масъулиятнок ва фарогир ба хизматрасониҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Муҳиммияти ҲҲИХМ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба таври васеъ эътироф гардидааст. Дар соли 2011, Гурӯҳи 20 кишвари бузург (G20) Принсипҳои сатҳи баланд дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро қабул карда, Гурӯҳи кории G20/СҲИР оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро таъсис намуд. Бонкҳои марказӣ, ҳамчун танзимгари бозори молиявии аксари кишварҳо, дар муайянсозӣ ва татбиқи сиёсати васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва ҲҲИХМ нақши асосӣ дошта, фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро дар бозор назорат менамоянд ва чорабиниҳоро оид ба таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои миллии маърифати молиявӣ ҳамоҳанг месозанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти ҲҲИХМ ва маърифати молиявиро эътироф намудааст, ки он дар Стратегияи рушди низоми бонкӣ барои солҳои 2010-2015 инъикос ёфтааст[1]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР ҶТ), инчунин зарурати такмили минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши молиявиро барои баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва эътимоднокии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ҲҲИХМ эътироф менамояд.

Илова бар ин, СМР ҶТ таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолиро пешбинӣ намуда, ҳадафҳоро оид ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ (на кам аз 50 фоизи хонаводаҳо бояд бо хизматрасониҳои бонкӣ фаро

[1] Стратегия тибқи қарори Ҳукумати ҶТ таҳти №261 аз 8 майи соли 2010 қабул шуда буд, банди 5.3 боби 5 –и он "Бахши молиявӣ" масъалаҳои ҲҲИХМ -ро дарбар гирифтааст.

гирифта шаванд) ва пардохтҳои ғайринақдӣ (на кам аз 50 фоиз дар савдои чакана таъмин карда шаванд) муайян месозад.

Аз оғози соли 2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати рушди ҲҲИХМ кор бурда мешавад[2]. Ҳамин тавр, мувофиқи тағйироте, ки моҳи июли соли 2014 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ворид карда шуд, ба вазифаҳои БМТ фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва ташкилотҳои ғайриқарзии молиявӣ, инчунин васеъ намудани ваколатҳои БМТ оид ба татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ барои поймол кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ илова гардиданд.

Соли 2015 дар сохтори БМТ доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон шуъбаи мустақил таъсис дода шуда, бо мақсади пайгирии васеи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон соли 2017 он ба идора табдил дода шуд (идораи ҲҲИХМ). Дар соли 2017 БМТ ҷиҳати муайян намудани сиёсати БМТ дар соҳаи ҲҲИХМ "Афзалиятҳои стратегии БМТ оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019"-ро таҳия ва қабул намуд, ки ба рушди механизми болозикр, баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолии кишвар ва ҲҲИХМ нигаронида шудааст.

Соли 2018 ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки барои рушди минбаъдаи асосҳои ҳуқуқии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар самти такмили заминаи меъёрӣ шароити мусоид фароҳам овардаанд. Соли 2019 БМТ ба таҳияи СМФМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро оғоз намуд. Дар соли 2020 аз ҷониби БМТ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҲҲИХМ, аз ҷумла доир ба тартиби ифшо намудани маълумот оид ба

---

[2] Бо мақсади пурзӯр намудани механизм ва заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ моҳи апрели соли 2012 тибқи дархости Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) Бонки Ҷаҳонӣ шарҳи ташхисии ҳолати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва маърифатнокии молияviро дар Тоҷикистон баргузор намуд (шарҳи ташхиси ҳолати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва маърифатнокии молиявӣ, соли 2013).

хизматрасониҳои бонкӣ ва нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ қабул гардиданд.

Бо дарназардошти тағйироти назаррас дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, БҶ соли 2019 дар доираи барномаи тақвият бахшидани бахши молиявии Тоҷикистон шарҳи нави ташхисии ҳолати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва маърифатнокии молиявиро бо истифода аз маълумот ва нишондиҳандаҳои нав ба ҳолати соли 2019 анҷом дод. Ҳадаф аз таҳлилҳои гузаронидашуда ин пеш аз ҳама муқоиса кардани заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии амалкунанда, сохторҳои ниҳодӣ ва мутобиқатии ҲҲИХМ бо таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, инчунин пешниҳод намудани тавсияҳо барои рушди минбаъдаи соҳаи ҲҲИХМ дар Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси хулосаҳои шарҳи нави ташхисии БҶ ва бо назардошти зарурати рушд ва такмили минбаъдаи низоми ҲҲИХМ, БМТ "Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба такмили механизми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ барои солҳои 2022-2025"-ро ҷиҳати муайян кардани самтҳо ва фаъолияти минбаъда дар соҳаи ҲҲИХМ омода намуд. Стратегияи мазкур дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия шудааст.

Стратегия масъалаҳои муҳимми соҳаи ҲҲИХМ, бахусус, самтҳои асосӣ ва тадбирҳоеро, ки татбиқи онҳо ба такмили низоми ҲҲИХМ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд, дар бар мегирад. Нақшаи амал, ки қисми таркибии Стратегия мебошад, тадбирҳои мушаххасро оид ба такмили соҳаи ҲҲИХМ ва муҳлати иҷрои онҳоро тибқи афзалиятҳо дар ҳама соҳаҳои асосӣ, пешбинӣ менамояд.

# БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## БОБИ 1.1 ҲОЛАТИ ҶОРИИ СОҲАИ ҲҲИХМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### §1. Пешравӣ дар соҳаи дастрасӣ ва истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Дар давоми солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ба

пешравиҳои назаррас ноил гардид. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 ба ҳар 100 нафар аҳолии калонсол 95,7 адад суратҳисоби бонкии шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад. Ин нишондиҳанда дар солҳои 2014 ва 2017 мутаносибан ба 40,8 адад ва ба 54,3 адад баробар буд. Чунин пешравии назаррас, алалхусус афзоиши шумораи суратҳисобҳои бонкӣ ва истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, ба саъю кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бевосита БМТ барои зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва мусоидат ба рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (ХМР) вобаста мебошад.

2. Хизматрасонии пардохтҳои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба туфайли татбиқи босамари Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025 (СРНП) ба пардохтҳои ғайринақдӣ мусоидат намуда, тамоюли болоравиро касб намудааст. Дар соли 2013 Низоми пардохтии миллии “Корти миллӣ” (НПМ “Корти миллӣ”) ба фаъолият шуруъ намуд, ки ҳадафи он таъмини низоми пардохтии Тоҷикистон бо платформаи пардохтҳои чаканаи мустақил аз контрагентҳои беруна ва кам кардани хавфҳои таъсири омилҳои беруна ба низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар заминаи НПМ ”Корти миллӣ” барномаи интиқоли нафақапулӣ, музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ ва дигар кӯмакпулиҳои давлатӣ ва пардохтҳо тавассути низоми бонкӣ ба кортҳои пардохтии бонкии НПМ ”Корти миллӣ” амалӣ мегардад.

3. Инчунин, дар самти рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо истифода аз технологияҳои муосири пардохтӣ ба аҳолӣ имконияти осону мусоид ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро фароҳам оварда, як қатор хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, аз қабили бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва ҳамёнҳои электрониро бомуваффақият татбиқ намуда истодаанд. Илова бар ин, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ мунтазам чораҳои ҳавасмандгардонии муштариён, аз ҷумла пешниҳоди “Cash back”, яъне баргардонидани маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳои зарурӣ татбиқ карда мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар маҷмуъ чораҳои андешидаи ташкилотҳои қарзии

молиявӣ барои афзун намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохтӣ ва афзоиши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мусоидат намуда истодаанд.

4. Дар давоми соли 2021 бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) дар маҷмуъ 29,3 млн. амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи зиёда аз 3,7 млрд. сомонӣ гузаронида шуданд. Нишондиҳандаҳои мазкур дар соли 2017 аз рӯи шумора 0,7 млн. амалиёт ба маблағи 387,6 млн. сомонӣ, дар соли 2014 бошад 1,0 млн. амалиёт ба маблағи 195,3 млн. сомониро ташкил медод.

5. Ба интиҳои соли 2021 таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасониҳо бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 90,0 фоиз ба 10,0 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 5,3 банди фоизӣ ва нисбат ба соли 2014 5,6 банди фоизӣ зиёд шудааст.

6. Шумораи пасандозҳои ҷалбшуда аз 5 304,7 ҳаз. адад дар соли 2014 то 8 457,9 ҳаз. адад дар соли 2021 баробар гардид, ки нисбат ба соли 2014 ба андозаи 59,4 фоиз зиёд мебошад. Шумораи қарзҳои додашуда дар давоми солҳои 2014-2021 6,8 млн. ададро ташкил дода, аз 563,5 ҳаз. адад дар соли 2014 то 2 303,8 ҳаз. адад дар соли 2021 баробар гардид, ки нисбат ба соли 2014 ба андозаи 4,1 маротиба зиёд мебошад.

7. Нишондиҳандаҳои асосии бахши суғуртаи кишвар аз лиҳози ҳаҷм ва андоза ҳанӯз чандон назаррас нестанд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2021 ба 527,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2017 ба 232,6 млн. сомонӣ (78,9 фоиз) афзоиш ёфтааст. Дар маҷмуъ саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар соли 2021 ба 2,1 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД бошад 0,6%-ро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2017 мутаносибан 0,7 ва 0,1 банди фоизӣ афзоиш ёфтаанд. Маблағҳои худии (сармояи) низоми суғуртаи кишвар дар соли 2021 320,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2017 ба маблағи 174,9 млн. сомонӣ (2,2 маротиба) зиёд мебошад.

Воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) яке аз сарчашмаҳои асосии даромади ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳисоб

меравад, ки дар соли 2021 ҳаҷми умумии он ба 287,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2017 ба маблағи 51,2 млн. сомонӣ (21,7 фоиз) афзоиш ёфтааст.

Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) бошад, дар соли 2021 тамоюли зиёдшавиро касб намуда, ба 91,8 млн. сомонӣ баробар гардида, дар қиёс ба соли 2017 ба маблағи 80,3 млн. сомонӣ (8,0 маротиба) зиёд мебошад.

Бо мақсади ислоҳоти низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои танзиму назорати фаъолияти бозори суғурта ба зиммаи БМТ вогузор карда шуд (дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №408 “Дар бораи масъалаҳои Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ” ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 “Дар бораи ба БМТ вогузор кардани ваколати назорати суғуртавӣ”). Вобаста ба ин, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2017 дар сохтори БМТ воҳиди сохтории нав - идораи назорати суғуртавӣ таъсис дода шуд.

8. Бо вуҷуди пешрафти назаррас дар самти дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, норасоиҳои муайяне ҷой дошта, зарурати такмили минбаъдаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, бахусус дар самти истифода ва сифати хизматрасониҳои молиявӣ вуҷуд дорад.

## §2. Муҳиммияти ҲҲИХМ

9. Сатҳи нисбатан пасти эътимоди мардум ба бахши молиявӣ ва хизматрасониҳои суғуртавӣ яке аз монеаҳои асосии рушди бозорҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Фаъолияти начандон шаффофи ташкилотҳои молиявӣ дар самти пешниҳод намудани хизматрасониҳои молиявӣ ва дастрас набудани маълумоти пурра оид ба фаъолияти онҳо бевосита ба рушди хизматрасонихои молиявӣ таъсири манфӣ мерасонад. Илова ба ин, дар сатҳи паст қарор доштани малакаи молиявӣ, алалхусус надоштани маълумот дар бораи маҳсулотҳои молиявӣ, ба истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ боз ҳам бештар таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, такмил додани механизми ҲҲИХМ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ба рушди бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт таъсиргузор мебошад. Бо

дарназардошти ин, БМТислоҳотро дар самти такмили минбаъдаи соҳаи ҲҲИХМ идома хоҳад дод.

## §3. Норасоиҳои асосии соҳаи ҲҲИХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

10. Тибқи шарҳи нави ташхисии БҶ барои соли 2019, сарфи назар аз як қатор тадбирҳои муҳимми андешидашуда барои таҳкими соҳаи ҲҲИХМ дар Тоҷикистон, низоми мазкур аз рӯи ҳама самтҳои асосӣ, аз ҷумла тақвият додани ваколатҳои БМТ, рушди низоми назорат ва танзим, таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҲҲИХМ ба рушду такмил ниёз дорад.

11. Дар соли 2018 бо мақсади тақвият бахшидани ваколати ҳуқуқии БМТ дар соҳаи ҲҲИХМ ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои қабули талаботи иловагии меъёрӣ, ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон" тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Бо вуҷуди ин, тақвият бахшидани тавзеҳу такмили минбаъдаи ваколати БМТ дар соҳаи ҲҲИХМ зарур мебошад. Имкониятҳои назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоии БМТ дар самти ҲҲИХМ, аз ҷумла баҳри таъмини иҷрои талаботи ҲҲИХМ аз ҷониби ТҚМ, инчунин барои таҳлили бозор зарур дониста мешаванд.

12. Дар соли 2020 барои такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқии ҲҲИХМ ду санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ифшо ва нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ қабул шуданд. Рушди минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ тавассути ворид намудани ташкилотҳои суғурта ба заминаи меъёрии нави амалкунанда пешбинӣ мегардад.

13. Барои дастрасии бештар ба маълумот оид ба хизматрасониҳои молиявӣ барои истеъмолкунандагон бо мақсади таъмини имконияти муқоисаи шартҳои маҳсулотҳои молиявии пешниҳоднамуда ва огоҳии истеъмолкунандагон аз ҳуқуқҳои худ ва механизмҳои мавҷудаи ҲҲИХМ чораҳои мушаххас андешида мешавад. Дар давраи минбаъда баррасӣ намудани зарурати таъсиси механизми берунаи ҳалли баҳсҳои ТҚМ ва истеъмолкунандагон (омбудсмени молиявӣ) бамаврид мебошад. Чораҳои ҳамаҷониба ва пайгирона барои баланд бардоштани сатҳи малакаи молиявии

истеъмолкунандагон, аз ҷумла қабули Стратегияи миллӣ оид ба маърифати молиявӣ зарур арзёбӣ мешавад.

## БОБИ 1.2 ҲАДАФ, ВАЗИФАҲО ВА ПРИНСИПҲОИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

### §1. Ҳадафу вазифаҳои асосии Стратегия

14. Ҳадафи аввалиндараҷаи Стратегия баланд бардоштани сатҳи эътимоди аҳолӣ ба бахши молиявӣ, ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ додани ҳуқуқҳои бештар ва рушди малакаи молиявӣ тавассути тақвиятбахшии низоми нисбатан босамари ҲҲИХМ ба ҳисоб меравад.

15. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи такмилшудаи ҲҲИХМ инҳоянд:

- беҳтар гардидани ифшои маълумот ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти ТҚМ;
- беҳтар гардидани фаъолияти кории ТҚМ дар самти ҲҲИХМ;
- беҳтар ва зиёд намудани сатҳи дастрасии механизми ҳалли муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- мутобиқсозии реҷаи ҲҲИ барои рушди ХМР ва ҳимояи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз хавфҳои марбут ба истифодаи ХМР;
- баланд бардоштани маърифат ва малакаи молиявии аҳолӣ.

16. Ноил шудан ба ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои муқаррааргардида, таъсиси институтҳо, низомҳо ва воситаҳои зарурииро барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифат ва малакаи молиявии истеъмолкунандагон тавассути ин вазифаҳо пешбинӣ менамояд:

- такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқии ҲҲИХМ;
- ташкили низоми муосири мониторинг ва назорат дар самти ҲҲИХМ;
- ташкили механизмҳои самарабахши ҳалли баҳсҳо (дохилӣ ва беруна);
- тибқи Нақшаи амал ва дар ҳамкори бо тарафҳои манфиатдор таҳия ва татбиқи воситаҳо ва барномаҳо барои баланд бардоштани

сатҳи саводнокии молиявӣ ва малакаи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ.

## §2. Принсипҳои татбиқи Стратегия

17. Дар рафти татбиқи Стратегияи мазкур, БМТ принсипҳои асосии зеринро дастури амал қарор медиҳад:

- истифодаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар соҳаи ҲҲИХМ бо дарназардошти хусусиятҳои бозори молиявӣ, бо роҳи омӯзиши маводҳои дахлдор, машваратҳо бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва табодули таҷриба бо кишварҳое, ки дар онҳо механизми ҲҲИХМ самаранок фаъолият мекунад;
- ҳамкории васеъ бо ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла бо дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, шарикони рушд, донорҳо, ТҚМ ва ассотсиатсияҳои ТҚМ дар татбиқи Стратегия ва гузаронидани чорабиниҳои муштарак;
- арзёбӣ ва мониторинг, инчунин тасҳеҳи Стратегия дар асоси натиҷаҳои мониторинг.

18. Соҳаи ҲҲИХМ пеш аз ҳама ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ - шахсони воқеӣ вобаста ба нокифоя будани захираҳои зарурӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ ва сатҳи пасти дониши зарурӣ барои истифодаи боз ҳам масъулонаи хизматрасониҳои молиявӣ равона шудааст. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин ҳамаи дигар истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла истеъмолкунандагони эҳтимолӣ, баҳрабардорони ҲҲИХМ мебошанд.

19. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагони маҳсулотҳои молиявиро ҷудо намекунад, яъне мафҳумҳои истеъмолкунанда/муштарӣ ё қарзгиранда дар санадҳои меъёрии дахлдор ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Бо дарназардошти ин, БМТ фарогирии васеъро дар самтҳои асосии ҲҲИХМ, алалхусус, дар бораи ифшои маълумот пешбинӣ менамояд.

20. Стратегияи миллии маърифати молиявӣ гурӯҳҳои мақсадноки дорои сатҳи пасти маърифати молиявиро барои барномаҳои саводнокии молиявӣ муайян мекунад. Ба ин гурӯҳҳо занон ва ҷавонон (мактаббачагон ва донишҷӯён), аҳолии шаҳрҳои хурд

ва деҳот, муҳоҷирон ва аъзои оилаҳои онҳо ва дигарҳо дохил мешаванд.

## БОБИ 2. СОҲАҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ҲҲИХМ

21. Барои муайян кардани самтҳои асосии ислоҳот ва чорабиниҳои татбиқи Стратегия, таҳлил ва ошкор намудани норасоиҳо, ҳадафгузорӣ ва муайянсозии афзалиятҳо барои ҳамаи соҳаҳои асосии сиёсати ҲҲИХМ зарур мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои Стратегияи мазкур, самтҳои асосии зерини сиёсати ҲҲИХМ муайян шудаанд:

- заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва назорат;
- ифшои маълумот ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва таъмини шаффофият;
- муносибати одилона ва рафтори кории ТҚМ;
- баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- саводнокии молиявӣ.

### §1. Таҳкими ваколатҳои БМТ

22. Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” яке аз вазифаҳои БМТ фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ ва ташкилотҳои ғайриқарзии молиявӣ мебошад, ки ин заминаи асосии ваколати БМТ-ро дар самти ҲҲИХМ возеҳ менамояд.

23. Мутобиқи “Тартиби татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон”, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2016, №60 тасдиқ шудааст, БМТ метавонад дар сурати поймол шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ чораҳои дахлдори ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ татбиқ намояд.

24. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъалаҳои Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ” аз 01 октябри соли 2016, №408 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 “Дар бораи ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор намудани ваколати назорати суғуртавӣ”,

Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ аз тобеияти ВМ ҶТ хориҷ карда шуда, ба сохтори БМТ гузаронида шуд.

25. Инчунин, дар соли 2018 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон" тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки мувофиқи онҳо БМТ мақоми ваколатдор оид ба ҲҲИХМ мебошад (моддаи 39.1 қонуни мазкур). Дар асоси ин ваколат БМТ барои таъсиси сохтор ва заминаи ниҳодӣ, ки барои таҳкими низоми ҲҲИХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, иқдом намуд.

26. Вобаста ба ин, зарурати таҳкими минбаъдаи ваколати БМТ оид ба ҲҲИХМ вуҷуд дорад. Бояд гуфт, ки БМТ мақоми ваколатдор дар ҳама соҳаҳои ҲҲИХМ ва ҳамаи ташкилотҳои назоратшаванда, аз ҷумла ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад ва бояд ваколатҳои дахлдори назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқкунандаи он барои таҳия ва татбиқи сиёсати самаранок мукаммал карда шаванд.

27. Аз ҷумла, барои таҳким бахшидани ваколати назорат ва танзими соҳаи таблиғоти хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби БМТ зарурат вуҷуд дорад, ки доир ба он бояд амалҳои муайян дар самти такмили қонунгузории соҳавӣ андешида шаванд. Татбиқи ин амалҳо такрорёбии ваколатҳо оид ба назорат ва танзими фаъолияти таблиғоти хизматрасониҳои молиявӣ миёни БМТ ва ХЗҲҶТ-ро пешгирӣ менамояд.

### §2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҲҲИХМ

28. Барои фаъолияти самараноки низоми ҲҲИХМ заминаи мувофиқи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ваколати мушаххас ва ҳамаҷонибаи ниҳодӣ, инчунин механизму захираҳои зарурӣ барои назорат лозим мебошад. Зеро, барои ҳалли самараноки масъалаҳои ҲҲИХМ, тибқи таҷрибаи пешқадам таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мазкур зарур мебошад.

29. Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ бояд нисбат ба ҳамаи намудҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ баробар ва якхела татбиқ гардида, ҳамаи соҳаҳо ва масъалаҳои асосии сиёсати ҲҲИХМ-ро дар бар гирад. Талаботи меъёрӣ бояд на аз рӯи намуди ТҚМ, балки аз рӯи намуди маҳсулотҳои молиявӣ ё намуди фаъолият бо мақсади танзими меъёрии ҳуқуқии ягона татбиқ карда шавад. Танзимкунӣ бояд ҳамаи масъалаҳои асосии ҲҲИХМ, яъне шаффофият, ифшо ва нашри маълумот, муносибати одилона ва рафтори корӣ, баррасӣ ва ҳалли

муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро фаро гирад.

30. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи алоҳидаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҲҲИХМ вуҷуд надошт. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" муқаррароти маҳдудро дар бораи хизматрасониҳои молиявӣ дар бар мегирад. Дар қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ, ки фаъолияти бонкӣ ва фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, хизматрасонии пардохт ва фаъолияти суғуртавиро танзим мекунанд, як қатор муқаррарот дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла ифшо ва нашри маълумот, қоидаҳои рафтори ташкилотҳои қарзии молиявӣ, баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагон ва ғайра дарҷ шудаанд. Бо вуҷуди ин, талаботи зикршуда вобаста ба намудҳои гуногуни ТҚМ фарогир ва мутобиқшуда набуданд ва тафсилоти (ҷузъиёти) зарурӣ надоштанд.

31. Дар соли 2020 ду санади меъёрии ҳуқуқии БМТ қабул карда шуд: Дастурамали №241 "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, №79 аз 25 июни соли 2020 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1026 аз 14 июли соли 2020 ба қайд гирифта шудааст ва Дастурамали №242 "Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, №120 аз 10 сентябри соли 2020 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1039 аз 30 сентябри соли 2020 ба қайд гирифта шудааст.

32. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр талаботи ягона ва фарогирро барои ҳамаи ТҚМ оид ба ифшои маълумот, нашри он ва таъмини шаффофият муқаррар кардаанд. Рушди минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибати одилона, рафтори корӣ ва баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби ТҚМ талаб карда мешавад. Аз ҷумла, барои баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби ТҚМ бояд талаботи алоҳида ва нисбатан мукаммал қабул карда шавад. Илова бар ин, пас аз ворид кардани тағйиру иловаҳои дахлдор ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст, ки

бахши суғурта ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи БМТ дар бораи ифшо ва нашри маълумот дохил карда шавад.

### §3. Назорат ва ҳуқуқтатбиққунӣ

33. Назорати иҷрои талабот аз рӯи ҲҲИХМ, мавҷудияти ваколатҳои зарурии назоратӣ, механизму захираҳо ҷузъи муҳимми низоми самараноки ҲҲИХМ мебошанд. Дар соли 2015 БМТ дар самти ҲҲИХМ воҳиди алоҳида - шуъбаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкиро таъсис дод. Дар соли 2017 ин шуъба ба идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявии БМТ табдил дода шуд.

34. Муқарраროти дохилии идораи ҲҲИХМ барои муайян кардани сохтор ва вазифаҳо, инчунин уҳдадориҳои вазифавии кормандон тасдиқ карда шуд.

35. Ба ваколати идораи ҲҲИХМ инҳо дохил мешаванд:

- таҳия ва такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- таъсиси низоми назорат ва пешбурди он, инчунин бурдани мониторинг дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- такмил додани низоми баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо, инчунин мусоидат ба таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои миллӣ дар самти маърифати молиявӣ.

36. Идораи ҲҲИХМ бояд пурра ба амалисозии вазифаҳои назоратии худ шуруъ кунад ва назорати иҷрои талаботҳои меъёрии ҲҲИХМ-ро барои ҳама намудҳои хизматрасониҳои молиявӣ ва ТҚМ, аз ҷумла хизматрасониҳои суғуртавӣ ва пардохтҳои чакана таъмин намояд. Барои татбиқи назорат, идораи ҲҲИХМ бояд як қатор воситаҳо, аз ҷумла дастурҳои назоратиро таҳия ва истифода намояд. Идораи ҲҲИХМ бояд мунтазам эътинои назоратӣ, воситаю усулҳо ва инчунин низомҳои иттилоотии худро арзёбӣ кунад. Ғайр аз ин, рушди устувори бозорҳои молиявӣ, аз ҷумла бозори ХМР, баланд бардоштани иқтидори доимии ниҳодиро дар баробари хавфҳои пайдошаванда тақозо мекунад.

## §4. Ифшои маълумот ва таъмини шаффофият

37. Шаффофияти нокифоя дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии истеъмолкунандагон аз хизматрасониҳои молиявӣ дар Тоҷикистон яке аз сабабҳои нокифоягии саводнокии молиявӣ ва эътимод ба бахши молиявӣ мебошад.

38. Барои қабули қарорҳои асоснок ҳангоми интихоби хизматрасониҳои молиявӣ истеъмолкунандагон ба маълумоти оммафаҳм, дастрас ва ба осонӣ даркшаванда ниёз доранд.

39. Ворид намудани талаботҳои иловагии нисбатан мукаммал доир ба ифшои маълумот метавонад ба ташаккули бозорҳои дорои истеъмолкунандагони нисбатан огоҳ ва афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат кунад. Ифшои маълумот, аз ҷумла дар доираи ифшои пеш аз қарордодии он ҳамчунин ба имконияти муқоиса намудани маҳсулотҳои молиявӣ мусоидат хоҳад кард. Ин амал махсусан барои истеъмолкунандагони дорои малакаҳои пасти молиявӣ манфиатовар ва барои хизматрасониҳои муосири молиявӣ (масалан, маблағҳои электронӣ) муҳим арзёбӣ мегардад.

40. Қоидаҳои дахлдори ифшои пешакии маълумот, аз ҷумла нисбати таблиғ/рекламаи хизматрасониҳои молиявӣ, метавонанд тавассути фароҳам овардани шароити баробар барои таъминкунандагони маҳсулотҳои молиявӣ ва таъмини рақобати солим байни ин гуна таъминкунандагон таъсири мусбат расонанд.

41. Ҳангоми муайян кардани талабот оид ба ифшои маълумот бояд хусусиятҳои ХМР ба назар гирифта шаванд. Ин хусусиятҳо табиати хоси аксари маҳсулотҳои электронии пардохтӣ (масалан, маблағҳои электронӣ) ва хусусияти яквақтаи дигар маҳсулотҳоро (масалан, интиқоли маблағҳо) дар бар мегиранд. Афзоиши ҳаҷми ХМР мутобиқ кардани талаботро бо дарназардошти хусусиятҳо ва маҳдудиятҳои техникӣ, инчунин норасоиҳои эҳтимолии саводнокии молиявӣ, алалхусус барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ талаб менамояд.

42. Аз тарафи дигар, талабот ба навоварӣ набояд монеъ гардад ва ифшои маълумот дар шакли электронӣ имконпазир бошад. Ба шакли осондаркшаванда ва муқоисашавандаи ифшои маълумот диққати хосса зоҳир карда шавад.

43. Дар заминаи меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай баъзе муқаррарот оид ба ифшои маълумот ва

шаффофият, аз ҷумла ба қарзгирандагон дар Дастурамали №186 ”Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ”, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, №73 аз 28 апрели соли 2011 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №612 аз 10 июни соли 2011 ба қайд гирифта шудааст ва Дастурамали №199 “Дар бораи тартиби пешниҳоди қарзҳои хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд”, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, №308 аз 29 ноябри соли 2012 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №705 аз 28 феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст, мавҷуд аст. Бо вуҷуди ин, талаботи амалкунанда истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро ба қадри кофӣ фарогир намебошад. Талабот нисбат ба забон, шаклу усулҳои ифшои маълумот дар доираи ҳуҷҷати стандартии ахборотӣ/маълумот дар бораи шартҳои асосӣ маҳдуд буд. Тавсиф ё маълумот дар бораи шартҳои асосӣ (МША) танҳо оид ба қарзҳо талаб карда мешуд ва заминаи меъёрии ҳуқуқӣ шакли стандартӣ, мундариҷа ва меъёрҳоро барои чунин маълумот муайян намекард. Аз бонкҳо, ТМХ ва дигар ТҚМ талаб карда намешуд, ки ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мунтазам беруннависи (иқтибоси) суратҳисобро пешниҳод кунанд. Талабот оид ба маълумоти аз ҷониби ТҚМ нашршуда нисбат ба шаклҳои гуногуни ТҚМ, масалан, бонкҳо ва ТМХ якхела набуд. Аксари бонкҳо ва ТМХ сомонаҳои интернетӣ доранд, аммо маълумот дар ин сомонаҳо аз ҷиҳати мундариҷа ва муаррифӣ гуногун буда, ин ҳолат ҷустуҷӯ ва гирифтани маълумоти заруриро мушкил менамояд.

44. Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ доир ба ифшои маълумот дар маводҳои маркетингӣ ва таблиғотӣ низ тафсилоти кофӣ надошт.

45. Зарурати муқаррар намудани қоидаҳои ягона барои таҳвилгарони гуногуни хизматрасонӣ (бонкҳо, ТМХ ва ташкилотҳои суғурта) аз рӯи тамоми номгӯи хизматрасониҳои молиявие, ки онҳо пешниҳод мекунанд (қарзҳо, амонатҳо, хизматҳои суғуртавӣ ва ғайра) ва ҷорӣ кардани муқаррароти фарогир оид ба принсипҳо ва шакли ифшои маълумот ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар марҳилаҳои гуногуни муносибат бо онҳо, интишори маълумот ба аҳли ҷомеа ва истеъмолкунандагони эҳтимолӣ тавассути роҳҳои гуногун, инчунин талабот ба таблиғот ва маводи маркетингӣ вуҷуд дошт.

46. Тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", ки соли 2018 қабул шудаанд, талаботи асосиро барои ифшои маълумот ва шаффофият муайян намуда, заминаро барои қабули меъёрҳои нисбатан мукаммал тавассути қабули санадҳои меъёрии иловагӣ фароҳам овард. Дар оянда лозим аст, ки бахши суғурта ба низоми амалкунандаи ифшои маълумот ва шаффофият ҳамроҳ карда шуда, ҳамзамон зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор дар ин самт ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ мавҷуд мебошад.

**§5. Муносибати одилона ва рафтори корӣ**

47. Таҳлили санадҳои меъёрии амалкунанда ва таҷрибаи пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ дар Тоҷикистон нишон дод, ки дар бахши амалияи кории ТҚМ норасоиҳои муайян ҷой доранд. Дар қонунҳо ва дастурамалҳои БМТ талаботҳои мушаххас дар бобати мутобиқ будани маҳсулотҳои молиявӣ ба дархости истеъмолкунанда ворид нашудаанд. Гарчанде ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда як қатор принсипҳо ва талаботҳои умумиро оид ба рафтори кории бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд муайян кардаанд, аммо дар ин самт таҳия ва қабул намудани чораҳои минбаъда, аз ҷумла, оид ба масъалаҳои қарздиҳии масъулона, амалияи ситонидани қарз ва гурӯҳбандии маҳсулотҳои молиявӣ зарур мебошад.

48. Масъалаи асосии ҳимояи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ин аз ҷониби ТҚМ, кормандони онҳо ва дигар миёнаравон роҳ надодан ба рафтори номатлуби корӣ/тиҷоратӣ мебошад. Масъалаҳои мушаххас дар ин замина масъалаҳои муносибати одилона ва рафтори хуби корӣ, аз ҷумла манъи шартҳои беадолатонаи шартномаҳоро дар бар мегиранд:

- мутобиқати маҳсулотҳои молиявӣ ба талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва стандартҳои қарздиҳии масъулона;
- тартиби дурусти фурӯш ва омӯзиш барои кормандон ва дигар миёнаравон;
- маҳдуд кардани гурӯҳбандӣ ва маҳсулотҳои молиявии вобаста;
- давраи баррасӣ ва пеш аз муҳлат қатъ кардани шартнома;
- амалияи ситонидани қарз;
- танзим ва назорати фаъолияти агентҳои бонкии пардохтӣ;

- эътимоднокии амалиёт ва ҳифзи дороиҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ.

49. ТҚМ дар рафти муносибат бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бояд меъёрҳои олии ахлоқ ва касбиятро риоя кунанд. Ҳар гуна рафторе, ки ғайриодилона ё беинсофона ҳисобида мешавад, бояд манъ карда шавад.

50. ТҚМ бояд ҳуҷҷатгузории сиёсати дохилии фурӯши маҳсулотҳои молиявиро ба роҳ монда, назорати риояи равандҳо ва расмиёти онро пеш баранд.

51. ТҚМ бояд бо мақсади пешниҳоди маҳсулотҳои молиявӣ татбиқи расмиёти мувофиқ ва асосноки баҳодиҳии ниёзҳо ва имкониятҳои молиявии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро ба роҳ монанд.

52. ТҚМ бояд ба амалияи ғайриахлоқии ситонидани қарз, аз ҷумла аз ҷониби шахсони сеюми аз номи ТҚМ амалкунанда роҳ надиҳанд.

53. Ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бояд мухлати оқилонаи “андешаронӣ” дода шавад, ки он барои баррасӣ ва бекор кардани шартнома пас аз имзои он, аз ҷумла нисбат ба баъзе маҳсулотҳои молиявӣ вақт медиҳад. ТҚМ набояд бе ягон асос имкониятҳои истеъмолкунандаи хизматрасонии молиявиро барои рад кардани истифодабарии маҳсулотҳои молиявӣ ё хизматрасонӣ маҳдуд кунанд.

54. ТҚМ бояд кафолат диҳанд, ки ҳамаи кормандон ва шахсони сеюм, ки аз номи онҳо амал мекунанд, ба талаботи принсипҳои рафтори бовиҷдонона ва салоҳиятнок ҷавобгӯ мебошанд.

55. ТҚМ барои муайян намудани боэътимодии агентҳои бонкии пардохтӣ бояд расмиёти пурраи пешакии баҳо додани фаъолияти онҳоро таъмин намоянд.

56. БМТ бояд барои баҳодиҳии фаъолияти агентии бонкии пардохтии ТҚМ ва аз ҷониби онҳо риоя гардидани талаботҳои қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ чораҳои зарурӣ андешад.

## §6. Баррасии муроҷиатҳо

57. Механизмҳои муассири баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ яке аз унсурҳои

асосии низоми самараноки ҲҲИХМ мебошанд. Истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бояд ба ҳалли одилона ва саривақтии баҳсҳо ва баррасии муроҷиатҳо дастрасӣ дошта бошанд.

58. Ҳамаи ташкилотҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли моликияташон (яъне, давлатӣ ё хусусӣ), инчунин ҳамаи ТҚМ бояд ариза ва муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" қабул ва баррасӣ кунанд. Зеро қонуни мазкур талаботҳои муфассалро барои принсипҳои пешниҳод ва баррасии муроҷиату шикоятҳо муқаррар менамояд.

59. Сарфи назар аз мавҷудияти қонуни дар банди 58 Стратегия зикршуда, дар татбиқи раванди баррасии муроҷиатҳо дар тамоми бахши молиявӣ то ҳол пайдарҳамии кофӣ вуҷуд надорад. Дар амал, бештари ТҚМ механизмҳои муайяни дохилии қабули муроҷиатҳоро ба роҳ мондаанд. Аксар вақт дар ТҚМ қуттии сарпӯшида барои қабули арзу шикоятҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мавриди истифода қарор дорад. Дар аксарияти ТҚМ хадамоти иттилоотдиҳӣ амал мекунад, ки тавассути он истеъмолкунандагон метавонанд саволҳо ва муроҷиатҳои худро пешниҳод намоянд.

60. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" ба раванди баррасии муроҷиатҳо ишора мекунад (дар сурати пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ) ва ТҚМ-ро вазифадор месозад, ки ба истеъмолкунанда маълумотро оид ба тарзҳои пешниҳоди муроҷиат ва тартиби баррасии он, аз ҷумла маълумот барои тамосро пешниҳод намояд. Сарфи назар аз он ки баъзе аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз таҳлили зангҳои тавассути хадамоти иттилоотӣ воридшуда хабар медиҳанд, аксарияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ пойгоҳи мукаммали маълумот ва омори муроҷиатҳоро дар ихтиёр надоранд. Айни замон ТҚМ вазифадор нестанд, ки ба БМТ оид ба омори муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҳисобот пешниҳод намоянд.

61. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз заминаи мукаммали меъёрии ҳуқуқии баррасии муроҷиатҳо, сатҳи огоҳӣ ва истифодаи механизмҳои муроҷиатҳо аз ҷониби истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар сатҳи нокифоя қарор дорад. Шумораи афзояндаи муроҷиатҳое, ки ба БМТ ворид мешаванд, инчунин метавонад аз нокифоягии самаранокии механизмҳои мавҷудаи баррасии

муроҷиатҳо дар ТҚМ хабар диҳад. Ҳоло зарурати муайян кардани талабот ва механизмҳои нисбатан мушаххаси иловагӣ барои баррасии муроҷиатҳо ва шикоятҳо аз тарафи ТҚМ, ҷиҳати таҳлил ва мониторинги муроҷиатҳо, инчунин пешниҳоди ҳисобот ба БМТ оид ба муроҷиатҳо ба миён омадааст, зеро маълумоти омории муроҷиатҳо барои он манбаи муҳимми маълумот ҷиҳати таҳлили вазъи бозор ва таҳияи сиёсат ба ҳисоб меравад.

62. БМТ барои такмили дастрасӣ ба пешниҳоди муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба он чораҳои назаррас андешид. БМТ тибқи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар самти қабули муроҷиатҳои шаҳрвандон уҳдадории умумӣ ба зимма дорад. Ғайр аз ин, БМТ хатти тамосро барои муштариён ҷорӣ намуд.

63. Дар соли 2018 БМТ Дастурамали №235 "Дар бораи баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ"-ро, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, №37 аз 16 марти соли 2018 тасдиқ шудааст, қабул кард. Бо дарназардошти ин, идораи ҲҲИХМ низ имкон пайдо кард, ки ба ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ дар бораи муроҷиатҳо шуруъ кунад.

64. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми алоҳидаи ҳалли баҳсҳо барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ вуҷуд надорад. БМТ ноилоҷ дар амал нақши механизми берунаи ҳалли баҳсҳоро бидуни салоҳият ва захираҳои дахлдор иҷро менамояд.

65. Айни замон аксари баҳсҳои баамаломада байни ТҚМ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба мақомоти судӣ фиристода мешаванд. Бештари чунин муроҷиатҳо ба масъалаҳои ситонидани қарз, фурӯши амволи ба гарав гузошташуда ва дигар баҳсҳои марбут ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд иртибот доранд. Тибқи маълумоти ТҚМ мурофиаҳои судӣ дурудароз идома ёфта, бо хароҷоти зиёд ва аз ҷониби судҳо дар доираи маълумоти маҳдуд оид ба бахши молиявӣ ҳал карда мешаванд. Дар ин замина, механизми мустақили баррасии баҳсҳо воситаи самараноки ҳалли баҳсҳои байни ТҚМ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мебошад ва метавонад эътимоди мардумро ба бахши молия зиёд намояд. БМТ ва дигар иштирокчиёни низоми молиявӣ ва шахсони манфиатдорро зарур аст, ки имкониятҳои таъсиси чунин механизмро баррасӣ намоянд.

## §7. Хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

66. Ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба иқтисодиёт бештар гардида, тавассути маҳсулотҳои молиявӣ, хизматрасониҳо, моделҳои таҳвил ва таҳвилгарони нав ба соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ таъсири назаррас расонида истодааст. Аммо, дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ бояд бо механизми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар як радиф қарор дода шавад. Тағйирот дар соҳаи ХМР зарурати сиёсати муассирро доир ба ҲҲИХМ, маърифати молиявӣ ва фарогирии молиявӣ, ки ба чунин муҳити тағйирпазир мутобиқ мешаванд, талаб мекунад.

67. Новобаста аз пешравиҳо дар соҳаи ХМР иқтидори пурраи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ҳанӯз татбиқ нашудааст. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба истифодаи васеи усулҳои муосири инноватсионии хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла воситаҳои электронии пардохтӣ ҳамчун яке аз чораҳои баланд бардоштани самаранокии бахши молиявӣ ва сифати хизматрасонии молиявӣ истинод менамояд.

68. Дар давраи солҳои 2012-2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди низоми пардохтӣ ва инфрасохтори пардохтӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид.

69. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин аз “реҷаи махсуси танзим” (регулятивная песочница “Sandbox”) оид ба ХМР истифода мебарад, ки он равиши пешрафта нисбат ба сиёсати танзим мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай ба истифодаи шаклҳои алоҳидаи ХМР, ба монанди хизматрасонии фосилавии бонкӣ, интиқоли маблағҳои электронӣ ва фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ иҷозат медиҳад.

70. Хавфҳои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ки метавонанд ба ХМР таҳдид намоянд, инҳо мебошанд:

- эҳтимолияти суиистифодаи маҳсулотҳои молиявии ношинос (ё навъҳои нави маҳсулот) аз ҷониби истеъмолкунандагони ноогоҳ;
- дастрасии зуд ба қарзҳои серхароҷот/кӯтоҳмуддат ё ба маҳсулотҳои молиявии бештар ҷаллобӣ;
- намудҳои нави қаллобӣ, аксар вақт суиистифода аз нобоварии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар муҳити рақамӣ;
- нокифоятии амният ва махфияти маълумот;

- набудани маълумоти дақиқ ё имконияти ислоҳи маълумот бо сабаби афзудани истифодаи маълумот ва профилҳои рақамӣ;
- фаъолияти ҷиноӣ, аз қабили схемаҳои фишингӣ (қаллобӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ), мудохила ба суратҳисобҳо ва дуздии маълумот.

71. Ғайр аз ин, рушди хизматрасониҳои рақамӣ метавонад боиси шаклҳои нави хориҷшавӣ аз дастрасии молиявӣ гардад. Бидуни муҳофизати мувофиқ, табақаҳои муайяни аҳолӣ (масалан, калонсолон ва гурӯҳҳои камбизоат) метавонанд аз сабаби надоштани малакаи зарурӣ барои истифодаи маҳсулотҳои молиявӣ ва хизматҳои нави рақамӣ маҳрум карда шаванд.

72. Дар заминаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мушкилоти нав барои ошкор сохтани маълумот ба миён меояд. Чунин ҷанбаҳои хизматрасонии молиявии рақамӣ, аз қабили истифодаи агентҳои бонкии пардохтӣ, интерфейсҳои мураккаб, фазои маҳдуд дар дастгоҳҳои рақамӣ ё шартҳою муқаррарот ва хароҷотҳои ношаффоф, алалхусус нисбат ба маҳсулоти мураккаби рақамӣ, барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мушкилоти нав ба миён меоранд.

## §8. Маърифати молиявӣ

73. Заминаи ҳуқуқии ҲҲИХМ ва сохторҳои ниҳодӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ шартҳои зарурӣ буда, вале барои самарабахшии ин гуна ҳимоя кофӣ намебошанд. Малакаҳои молиявӣ омили асосӣ ва ҳалкунандаи самаранокии соҳаи ҲҲИХМ мебошанд.

74. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ имкон медиҳад, ки захираҳои молиявии худро самаранок ва мақсаднок истифода баранд ва ҳамзамон аз хизматрасониҳои молиявӣ фоидаи иқтисодӣ ба даст оранд, ба хавфҳои молиявӣ ва қаллобии молиявӣ муқовимат нишон диҳанд.

75. Тавофуқи афзоянда ва огаҳӣ дар бораи аҳаммияти маърифати молиявӣ боиси як қатор ташаббусҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти бузург дар кишварҳои гуногун дар соҳаи маърифати молиявӣ гардид. Аксари кишварҳо аллакай стратегияҳои миллии маърифати молиявии аҳолиро қабул намуда, амалӣ карда истодаанд.

76. Дар моҳҳои март-апрели соли 2020 БМТ барои арзёбии самтҳои асосии истифодаи маҳсулоти молиявӣ ва сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Тоҷикистон тадқиқоти миллӣ гузаронид. Тадқиқот дар хонаводаҳо дар байни 1500 нафар гузаронида шуд, ки 49,3 фоизро занон ва 50,7 фоизро мардон ташкил медоданд[3]. Танҳо 10 фоизи аҳолии калонсол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии мақсадноки ҳадди ақалро аз рӯи сатҳи асосии донишҳои молиявӣ соҳибанд.

77. Занҳо нисбат ба мардон камтар баҳодиҳии мақсадноки ҳадди ақалро соҳиб мебошанд. Аз шумори умумии посухдиҳандагон 78,6 фоиз ба баҳодиҳии мақсадноки ҳадди ақал барои рафтори молиявӣ ноил гардиданд. Ҳиссаи посухдиҳандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадди ақал панҷ намуди маҳсулоти молиявиро намедонистанд, 18,4 фоизро ташкил медиҳад.

78. Тайи солҳои охир Тоҷикистон ба андешидани тадбирҳо барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ шуруъ намуд, ки 238 барномаҳои омӯзишӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва таҳкими он дар солҳои 2015-2020[4] бо дастгирии донорҳо, аз ҷумла барномаи маърифати молиявӣ барои мактаббачагон аз ҷониби Фонди хазинаҳои амонатгузории Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ, Ҳафтаи байналмилалии пул (Global money week), Рӯзи ҷаҳонии пасандоз (World Savings Day) ва барномаи маърифати молиявӣ барои муҳоҷирон аз ҷониби Созмони байналмилалии муҳоҷират ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид.

79. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо ташаббуси худ инчунин як қатор иқдомҳоро оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла тренингҳои ройгонро барои гурӯҳҳои алоҳида (занон, мактаббачагон, донишҷӯён) амалӣ карданд, ки ин гурӯҳҳо баъдан барои гирифтани қарзи старт-ап имкон пайдо намуданд.

80. Идораи ҲҲИХМ БМТ барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ аллакай ташаббусҳои муайянеро амалӣ карда истодааст, аз ҷумла:

[3] https://nbt.tj/files/Protection/survey/2020/Арзёбии_саводнокии_молиявии_аҳолии_Ҷумҳурии_Тоҷикистон.pdf
[4] https://globalmoneyweek.org/countries/64-tajikistan.html

- кушодани веб-саҳифа дар сомонаи БМТ ва саҳифаҳои расмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо маълумот барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- хизматрасонии Viber чат-бот доир ба саводнокии молиявӣ бо маълумот барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- насби телефони боварӣ барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ки тавассути он онҳо метавонанд дар бораи хизматрасониҳои молиявӣ саволҳо диҳанд;
- баргузор намудани чорабиниҳо дар доираи "Ҳафтаи ҷаҳонии пул", "Рӯзи ҷаҳонии пасандоз" ва ғайра;
- гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ барои мактаббачагон ва донишҷӯён ва ғайра.

## БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

81. Барои ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳои Стратегия, ки ба татбиқи дурусти он нигаронида шудаанд, амалҳои ҳамоҳангшудаи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор доир ба як қатор самтҳои ба ҳам алоқаманд зарур мебошад. Самтҳои асосии рушди механизми ҲҲИХМ барои мақсадҳои татбиқи Стратегия инҳоянд:

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҲҲИХМ;
- рушди низоми роҳандозии назорат дар соҳаи ҲҲИХМ;
- рушд ва таъсиси механизмҳои самарабахши баррасии муроҷиатҳо (дохилӣ ва беруна);
- таҳия ва татбиқи барномаҳои маърифати молиявӣ;
- дигар чорабиниҳо.

82. Дар доираи Стратегия чорабиниҳои афзалиятнок аз рӯи ҳамаи самтҳои асосӣ дар давраи татбиқи он муайян карда мешаванд. Чорабиниҳои мушаххас ва мӯҳлати татбиқи онҳо дар Нақшаи амали Стратегия, ки қисми таркибии он мебошад, инъикос ёфтаанд.

### §1. Самти асосии такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҲҲИХМ

83. Самти асосии такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҲҲИХМ рушди минбаъдаи ваколатҳои ниҳодии БМТ, инчунин қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии иловагӣ ва алоҳида барои муайян кардани талаботҳои мушаххас барои ҲҲИХМ доир ба ин масъалаҳо мебошад:

- ифшои маълумот ва таъмини шаффофият;

- муносибати одилона ва рафтори корӣ;
- баррасии шикоятҳо ва муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби ТҚМ.

84. Талаботҳои нав ба ҳама намудҳои ТҚМ, аз ҷумла бонкҳо, ТМХ ва ташкилотхои суғуртавӣ низ татбиқ хоҳанд шуд.

85. Заминаи меъёрӣ бо дарназардошти амалияи татбиқ, хавфҳои нав, маҳсулотҳои молиявӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ таҳия ва тасҳеҳ карда мешавад. Баҳогузории мунтазами заминаи меъёрии ҳуқуқии ҲҲИХМ бо мақсади мутобиқ кардани он ба ХМР амалӣ мегардад.

86. Бо мақсади тақвияти ваколати БМТ дар соҳаи ҲҲИХМ чораҳои зерин андешида мешаванд:
- қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор;
- татбиқ, назорат ва амалигардонии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии ҲҲИ барои хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла татбиқи чораҳои таъсиррасонӣ.

Дар ҳолати зарурӣ барои таъмини мандати дар боло зикршуда ба қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба қонунҳо "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд;
- баррасии тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи реклама" ё санадҳои меъёрии дахлдор оид ба таъини БМТ ба ҳайси яке аз мақомоти ваколатдори масъули татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи реклама" бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, бартараф кардани такрори ваколати танзим ва назорати фаъолияти рекламавӣ миёни ХЗҲЧТ ва БМТ;
- таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти БМТ бо мақомотҳои дигари ҶТ, ки онҳо низ дар соҳаи ҲҲИ нақши эҳтимолӣ доранд, аз ҷумла мақомоти берун аз бахши молиявӣ (ХЗҲЧТ, Хадамоти давлатии алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра) тавассути ба имзо расонидани ёддошти тафоҳум доир ба ҳамкорӣ.

87. Барои беҳтар кардани ифшои маълумот аз тарафи ТҚМ барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ чораҳои зерин андешида мешавад:
- ворид намудани тағйироти зарурӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Дастурамали №241 "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони

ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №79 аз 25 июни соли 2020 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1026 аз 14 июли соли 2020 ба қайд гирифта шудааст, барои дохил кардани бахши суғурта ба низоми ифшои маълумот, ки дар Дастурамал муайян шудааст;

- баррасии қабули шаклҳои стандартии МДА барои намудҳои алоҳидаи қарз ва дигар намудҳои нисбатан маъмули маҳсулоти чакана, пас аз ҷорӣ намудани шакли стандартии МДА барои қарзҳо ва амонатҳо тибқи Дастурамали №241 "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №79 аз 25 июни соли 2020 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1026 аз 14 июли соли 2020 ба қайд гирифта шудааст;
- таҳлили амалияи ифшои маълумот дар соҳаи ХМР ва дар ҳолати зарурӣ, қабули талабот ё тавсияҳои алоҳида оид ба ифшои маълумот барои ХМР.

88. Оид ба баланд бардоштани шаффофият дар бахши молиявӣ чораҳои зерин адешида мешаванд:

- ворид намудани тағйироти зарурӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Дастурамали №242 "Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №120 аз 10 сентябри соли 2020 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1039 аз 30 сентябри соли 2020 ба қайд гирифта шудааст, ҷиҳати дохил кардани бахши суғурта ба реҷаи интишори маълумоте, ки Дастурамали мазкур муайян кардааст;
- татбиқи талаботҳои иловагӣ ба маводи рекламавӣ ва маркетингии ТҚМ. Маводҳои рекламавӣ ва маркетингии таблиғгари хизматрасониҳои молиявӣ ҳадди ақал бояд оммафаҳм бошанд, хусусиятҳои маҳсулотҳои молиявӣ ё хизматрасониро возеҳ ва мушаххас баён кунанд ва аз муаррифии нодуруст ё таблиғи манфиатҳои маҳсулот худдорӣ намоянд. Дар ҳама гуна маводи рекламавӣ ё маркетингӣ, ки фоизи қарз ё арзиши маҳсулотҳои молиявиро нишон медиҳад, бояд дар бораи МФСС/ арзиши пурраи он маълумот дарҷ шуда бошад.

89. Ҷиҳати беҳтарсозии амалияи кории ташкилотҳои қарзии молиявӣ чораҳои зерин анҷом дода мешаванд:

- мукаррар намудани талабот/тавсияҳои иловагӣ, ки амалияеро муайян мекунанд ва ин амалия метавонад ноодилона ё беинсофона ҳисобида шавад, аз ҷумла мукаррар намудани талабот / тавсияҳо оид ба шартҳои беадолатона дар шартномаҳо, илова ба талаботи умумие, ки дар Дастурамали №241 "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №79 аз 25 июни соли 2020 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1026 аз 14 июли соли 2020 ба қайд гирифта шудааст, мукаррар шудааст;
- қабули талабот/тавсияҳои иловагӣ дар бораи амалияи гурӯҳбандӣ ва пайванди маҳсулотҳои молиявӣ ва хизматрасониҳо. Амалияҳое, ки интихоби истеъмолкунандаро ноодилона маҳдуд мекунанд ё ба рақобат халал мерасонанд, бояд манъ карда шаванд;
- мукаррар намудани талабот/тавсияҳои иловагӣ, ки талаботро ба мутобиқати маҳсулотҳои молиявӣ муайян мекунанд, аз ҷумла мукаррар намудани талабот/тавсияҳо барои қарздиҳии масъулона, илова ба талаботи умумие, ки Дастурамали №241 "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №79 аз 25 июни соли 2020 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1026 аз 14 июли соли 2020 ба қайд гирифта шудааст, мукаррар кардааст;
- ворид намудани стандартҳои иловагии амалияи ситонидани қарз. Заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ бояд амалияҳои беадолатонаи ҷамъоварӣ ва стандартҳои ҳадди ақалли рафторро ҳангоми муносибат бо қарзгирандагон муайян намуда, иҷрои онҳоро манъ намояд. Инчунин бояд ба таври возеҳ қайд карда шавад, ки қарздиҳандагон барои амалҳои коллекторҳои (ситонандагони) дар доираи аутсорсинг ҷалбгардида масъуланд.

90. Чораҳо барои беҳтарсозии амалияи баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз тарафи ТҚМ:

- қабули санади алоҳидаи меъёрии ҳуқуқии БМТ оид ба баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз тарафи ТҚМ. Ҳуҷҷат бояд аз ТҚМ таъсиси сохторҳои

алоҳида, инчунин муқаррароти хаттиро барои расмиёт ва низомҳои баррасии муроҷиатҳои онҳо талаб намояд. Қоидаҳои иловагӣ ҳадди ақал бояд маълумотро дар бораи мавҷуд будани як қатор роҳҳо (масалан, телефон, почтаи электронӣ, шабакаи иҷтимоӣ барои пешниҳоди муроҷиатҳо), интишори маълумоти возеҳ дар бораи он, ки чӣ гуна истеъмолкунанда метавонад муроҷиат кунад ва роҳҳои барои ин мақсад мавҷудбуда, таъмини захираҳои кофӣ барои баррасии муроҷиатҳо ва вазифаи баррасии муроҷиатҳо, ки бояд аз дигар воҳидҳои амалиётӣ мустақил бошад ва таъмини мониторинги раванди баррасии муроҷиатҳо аз тарафи роҳбариятро дар бар гиранд;

- муқаррар кардани шакли стандартии ҳисобот оид ба муроҷиатҳо барои ТҚМ ва муайян кардани мӯҳлатҳои пешниҳоди ҳисобот. Низоми таҳия ва пойгоҳи маълумоти ТҚМ барои баррасии муроҷиатҳо бояд барои пешниҳоди маълумоти муфассал дар бораи муроҷиатҳои ба БМТ воридшуда имкон диҳад.

## §2. Таҳияи низоми назорат ва роҳандозии назорати рафтор дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ

91. Соҳаи ҲҲИХМ дар баробари танзими дахлдор, ба назорати самараноки фаъолияти ТҚМ ва риояи талаботи муқарраршуда асос ёфтааст.

92. Вазифаи назорат дар соҳаи ҲҲИХМ ба зиммаи идораи ҲҲИХМ-и БМТ гузошта шудааст, ки он бояд механизмҳо ва воситаҳои зарурии назоратро таҳия ва татбиқ карда, инчунин захираҳои дахлдорро барои назорати самаранок омода намояд.

93. Назорат бояд барои ноил шудани ҳадафҳои зерин равона карда шавад:

- риояи талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби ТҚМ;
- муайян ва арзёбии хавфҳо барои истеъмолкунандагони молиявӣ ва таҳияи сиёсати мувофиқ.

94. Назорат бояд ҳамаҷониба ва пешгирикунанда буда, ба ошкор намудани пайдоиши ҳолатҳои амалияи номатлуб равона карда шавад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои назорат идораи ҲҲИХМ инчунин бо дигар воҳидҳои сохтории БМТ, алалхусус бо департаменти назорати

бонкӣ, идораи назорати суғуртавӣ ва идораи низоми пардохт ҳамкории наздик ба роҳ монад.

95. Чораҳое, ки ҷиҳати рушди низоми назорати фаъолияти ТҚМ андешида мешаванд, инҳо мебошанд:

- таъмини тақсимоти аниқи вазифаҳои назорати мақбул ва назорати рафтори бозор дар БМТ бо мақсади пешгирии бархӯрди манфиатҳо ва такрори вазифаҳо байни департаменти назорати бонкӣ, идораи назорати суғуртавӣ ва идораи низоми пардохти БМТ аз як тараф ва идораи ҲҲИХМ БМТ аз тарафи дигар, тавассути қабули ҳуҷҷатҳои дахлдори дохилии БМТ;
- таъмини ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории самарабахши сохторҳои дар боло зикршуда, аз ҷумла мубодилаи маълумот ва дар ҳолати зарурӣ истифодаи захираҳо;
- амалӣ намудани назорати тартиботи муқарраршудаи танзим аз ҷониби идораи ҲҲИХМ, аз ҷумла ҷорӣ намудани назорати бозори суғурта дар самти ҲҲИХМ;
- таҳия ва тасдиқи маҷмуи воситаву механизмҳои назорат аз ҷониби идораи ҲҲИХМ, аз ҷумла доир ба татбиқи Тартиби гузаронидани санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ[5], санҷиш дар ҷойҳо (on-site), расмиёти амалиёти "Харидори махфӣ" ва татбиқи чораҳои таъсиррасонӣ тибқи қонунгузорӣ;
- таҳияи низоми ҷамъоварӣ ва истифодаи маълумоти босифат ва саривақтӣ барои иҷрои самараноки вазифаҳои назорат аз ҷониби идораи ҲҲИХМ. Идора метавонад маълумотро тавассути ҳисоботҳои ҳатмии ТҚМ, инчунин манбаъҳои иттилоотии шахсони сеюм, аз ҷумла дигар воҳидҳои сохтории БМТ ҷамъоварӣ ва назорат намояд.

96. Идораи ҲҲИХМ ҷиҳати татбиқи назорати ба хавф нигаронидашуда бояд рафтор дар бозорро дар асоси хавфҳо бо мақсади оптимизатсияи манбаъҳои назорат ва баланд бардоштани самаранокӣ танзим намояд. Назорати ба хавф нигаронида муайян кардани маҳсулотҳои молиявӣ ва таваҷҷуҳ ба онҳо, хизматрасониҳо ва амалияҳоеро дар назар дорад, ки барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ хавфи ҷиддӣ доранд.

---
[5] Тартиби гузаронидани санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 26 октябри соли 2020 ба №141 тасдиқ шудааст.

97. Барои тақвияти имкониятҳои захиравии идораи ҲҲИХМ-и БМТ бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

- новобаста аз он, ки идора ба дастгирии техникии муайян дастрасӣ дошт, тақвияти минбаъдаи имконоти (неруи) идораи ҲҲИХМ дар баробари тавсеаи вазифаҳо ва доираи фаъолият зарур мебошад;
- рушди иқтидори бозорҳои молиявӣ, аз ҷумла бозори ХМР, тақвияти пайвастаи иқтидори ниҳодиро дар баробари хавфҳои пайдошаванда ва ҷорӣ шудани технологияҳои нав талаб мекунад. Идораи ҲҲИХМ метавонад усулҳои гуногуни сайқал додани донишро оид ба ХМР татбиқ кунад. Чунин усулҳо метавонанд арзёбии бозор ё тадқиқот барои фаҳмидани тарҳрезиҳо дар соҳаи маҳсулотҳои молиявӣ ё хизматрасониҳои нав, роҳҳои тақсимот ва таҳвили хизматрасонӣ, ҳамкории фаъолона ва мунтазам бо бахш (ҳам бозингарони нав ва ҳам мавҷуда) дар мавриди маҳсулотҳои молиявӣ, хизматрасониҳо, роҳҳо, тарҳрезиҳо ва тамоюлҳои инноватсионӣ ва робитаи фаъолона ва мунтазам бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ барои дуруст фаҳмидани масъалаҳо ва таҷриба аз назари истеъмолкунандагонро дар бар гиранд.

## §3. Чораҳои баланд бардоштани самаранокии раванди баррасии муроҷиатҳо

98. Мавҷуд будани механизмҳои самарабахшу дастраси баррасии муроҷиатҳо ва барқарорсозии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҷузъи муҳимми низоми ҲҲИХМ ва воситаи татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мебошад. Механизмҳои асосии баррасии муроҷиатҳо низомҳои дохилии ҳалли баҳсҳо (НДҲБ) ва механизмҳои ҳалли баҳсҳои беруна (МҲББ) мебошанд.

99. ТҚМ ташкилоти асосии баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба шумор рафта, меъёрҳои одилона, босамар ва саривақтии баррасии муроҷиатҳо ва ҳалли баҳсҳоро дошта бошанд. Пас аз ба ҳадди баланд расидани низомҳои НДҲБ ТҚМ, аз рӯи ғоя аксарияти муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бидуни гузаштан ба нақшаи МҲББ бомуваффақият ҳал карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, ниёз ба нақшаи мустақили МҲББ барои баррасии муроҷиатҳое вуҷуд дорад,

ки тавассути низоми НДҲБ ҳал карда намешаванд. Аз ин рӯ, татбиқи ҳам НДҲБ ва ҳам МҲББ ҳамчун унсурҳои бо ҳам алоқаманди низоми самаранок ва мукаммали ҳалли баҳсҳо аз рӯи муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

100. Низомҳои дохилии баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби ТҚМ инҳо мебошанд:

- БМТ талаботи алоҳидаи меъёриро барои баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби ТҚМ муқаррар мекунад;
- расмиёти ТҚМ оид ба баррасии муроҷиатҳо бояд ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дастрас бошанд ва ҷузъиёти пешниҳоди муроҷиат бояд як қисми маълумоте бошад, ки ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар марҳилаҳои гуногуни муносибат, инчунин дар сомонаи интернетӣ, ҷойҳои амалиёт ва пешниҳоди хизматрасониҳо ошкор карда шавад ва ғайра.

101. Бо мақсади баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ БМТ–ро зарур аст, ки корҳои зеринро анҷом диҳад:

- такмил ва баланд бардоштани самаранокии раванди баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ. Дар айни замон, БМТ шумораи зиёди муроҷиатҳоро баррасӣ менамояд, ки миқдори онҳо дар соли 2021 зиёда аз 2100 ададро ташкил намуд. Эҳтимолияти афзоиши минбаъдаи шумораи муроҷиатҳоро бояд интизор шуд. Барои баррасии самараноки муроҷиатҳо ва истифодаи захираҳои идораи ҲҲИХМ, рушд ва такмили минбаъдаи раванд, аз ҷумла низоми бақайдгирии муроҷиатҳо, роҳҳои воридшавии муроҷиатҳо, алоқа бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ТҚМ, ки барои ҳалли муроҷиат, чораҳои имконпазири ҳалли муроҷиат равона шудаанд ва ғайра зарур мебошад. Инчунин, зарурати такмили фаъолияти телефони боварии БМТ, аз ҷумла зуд-зуд таҳия намудани саволу ҷавобҳо, таҳияи механизми ҳамкорӣ дар дохили идора ва дигар воҳидҳои сохтории БМТ барои посухи саривақтӣ ва босамар ба суолҳо ва муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ вуҷуд дорад;
- низоми пешбурди омор ва таҳлили муроҷиатҳои қабулшударо таҳия кунад, зеро муроҷиатҳо метавонанд ҳамчун манбаи муҳимми маълумот барои таҳлили амалия ва камбудиҳои мавҷуда дар ҲҲИ,

хавфҳо барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва таҳияи амалҳои минбаъда дар асоси натиҷаҳо (пешниҳодҳо оид ба ҷорӣ намудани талаботи нави меъёрӣ ё тағйирот ба талаботҳои амалкунанда, чорабиниҳои назоратӣ, таҳияи маводи таълимӣ ё чорабиниҳои маърифати молиявӣ ва ғайра) ба ҳисоб раванд. БМТ инчунин метавонад имконияти интишори омори ҷамъбастии муроҷиатҳоро барои огоҳ кардани бозор ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ баррасӣ кунад;

- зарурати паҳн кардани маълумот дар бораи тартиби ҷории баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби БМТ, нақш ва салоҳияти БМТ. Таҳияи механизми баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби ТҚМ ба коҳишёбии шумораи муроҷиатҳо дар БМТ мусоидат менамояд ва идораи ҲҲИХМ захираҳои кадриро барои иҷрои дигар вазифаҳо, аз ҷумла таҳлилу танзим ва назорати бозор равона мекунад.

102. Механизми берунаи ҳалли баҳсҳо бо татбиқи чунин амалиётҳо ба роҳ монда мешавад:

- бо дарназардошти серхароҷот будани раванди ҳалли баҳсҳо тавассути мақомоти судӣ, бахусус барои истеъмолкунандагони камдаромад ва бо дарназардошти он, ки ҳалли баҳсҳои марбут ба хизматрасониҳои молиявӣ аксар вақт дониши махсусро талаб мекунад, баррасӣ намудани имконияти ташкили механизми алтернативии ҳалли баҳс ва баррасии муроҷиатҳо барои бахши молиявӣ – миёнарави молиявӣ ё омбудсмен дарояндаи дур зарур мебошад;

- бо дарназардошти масъалаҳои мустақилият, устуворӣ ва таҷрибаи муваффақи байналмилалӣ, бояд барои қабули қарор дар бораи сохтор ва ташкили низом таҳқиқот ва баҳодиҳии ниҳодӣ гузаронида шавад. Новобаста аз сохтори ниҳодӣ, бояд дар нақша принсипҳои дар сатҳи байналмилалӣ қабулгардидаи ташкили омбудсмени молиявӣ ва мақомоти алтернативии ҳалли баҳсҳо риоя карда шавад. Принсипҳои асосии фаъолияти омбудсмени молиявӣ мустақилият, дастрасӣ ва самаранокӣ мебошад. Ғайр аз ин, омилҳое, ба монанди сатҳи баланди касбият ва мустақилияти кормандон, ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти фаъолият, ошкорбаёнӣ ва паҳнкунии пайвастаи маълумот дар бораи механизм ва қоидаҳои баррасии муроҷиатҳо, ҳамкорӣ бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор муҳим дониста мешаванд;

- нақшаи МҲББ бояд бо машварати густурдаи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла бо бахши молия таҳия карда шавад. Дар баробари истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, бахши молиявӣ бояд баҳрагири (бенефитсиари) асосии низом бошад.

## §4. Чораҳои баланд бардоштани маърифати молиявӣ

103. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии истеъмолкунандагон оид ба маҳсулотҳои молиявӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ барои қабули қарорҳои огоҳона ва ҷавобгарии онҳо барои идоракунии маблағҳояшон имконият фароҳам оварда, барои самаранокии соҳаи ҲҲИХМ, беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии иқтисодии аҳолӣ аҳамияти калидӣ дорад.

104. Барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии табақаҳои гуногуни аҳолӣ чораҳои зерин андешида мешаванд:

- идораи ҲҲИХМ минбаъд низ ташаббусҳои муайяни баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявиро идома медиҳад, ба монанди: ҳамоҳангсозии баргузории ҳафтаҳои ҳарсолаи байналмилалии саводнокии молиявӣ дар байни кӯдакон ва ҷавонон, ташкил ва гузаронидани семинарҳо ва тренингҳо барои муаллимони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ҷойгиркунии маводҳои иттилоотӣ ва видеоӣ дар сомонаи расмии БМТ, иштирок дар барномаҳои фаҳмондадиҳии телевизионӣ, радиоӣ ва ғайра;

- тадбирҳо ва барномаҳои иловагии маърифати молиявӣ, аз ҷумла таҳия ва паҳн кардани мавод дар бораи маҳсулотҳои молиявӣ ва хизматрасониҳои асосии молиявӣ бо назардошти хусусиятҳо ва хавфҳои онҳо барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, таҳия ва паҳн кардани наворҳои иттилоотӣ тавассути сомонаи интернетии БМТ, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра;

- роҳандозӣ ва пешбурди минбаъдаи сомона / портали ягона барои саводнокии молиявӣ;

- гузаронидани таҳқиқот ва пурсишҳо оид ба малакаҳои молиявӣ ва интишори натиҷаҳои чунин таҳқиқот.

105. БМТ ташаббускори таҳияи Стратегияи миллии маърифати молиявӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМММ ҶТ) мебошад. СМММ ҶТ дар ҳамкорӣ бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор таҳия гардида, платформаи муассир барои ҳамоҳангсозии кӯшишҳои мақомоти гуногуни давлатӣ

ва таҳияи усули муназзами пешниҳоди маърифати молиявӣ тавассути василаҳо ва ташаббусҳои гуногун хоҳад шуд. Маърифати молиявӣ қисми ҷудонашавандаи СМММ ҶТ хоҳад буд, ки он низ дар марҳилаи таҳия қарор дорад.

106. Ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор бояд ба татбиқи СМММ ҶТ ҷалб карда шаванд. Таҳия ва татбиқи низоми арзёбӣ ва мониторинг барои СМММ ҶТ зарур мебошад.

107. Ғайр аз самтҳои асосӣ, барои татбиқи самарабахши Стратегия тадбирҳои иловагии зерин пешбинӣ мегардад:

***1) Чораҳои зерини таъмини дастрасӣ ба маълумот барои бозори молиявӣ ва истеъмолкунандагони*** **хизматрасониҳои молиявӣ,** ***аз ҷумла:***

- ҷойгирсозии маълумоти муқоисавӣ дар бораи фоизи пасандозҳо ва қарзҳо дар сомонаи интернетии БМТ ё сомонаи алоҳида бо мақсади фароҳам овардани рақобати солим дар байни ТҚМ ва фароҳам овардани дастрасии осон ба маълумот дар бораи арзиши маҳсулоти асосии чакана. Барои қарзҳо МФСС бояд нашр карда шавад, то ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ имкон диҳад, ки арзиши пурраи қарзро муқоиса кунанд;
- интишори маълумот дар бораи таҳлили бозор, таҳқиқот ва пурсишҳо оид ба саводнокии молиявӣ, омори муроҷиатҳо ва дигар маълумот дар сомонаи интернетии БМТ;
- интишори маълумот дар бораи ҳуқуқҳои асосии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дигар маълумоти муфид барои истеъмолкунандагон, аз ҷумла истинод ба сомонаҳои интернетии ТҚМ, дигар истинодҳои муфид дар сомонаи интернетии БМТ.

***2) Ҳамкорӣ бо ТҚМ ва ассотсиатсияҳои онҳо, аз ҷумла:***

- мусоидат ба таъсис ва рушди ассотсиатсияҳои ТҚМ дар доираи ваколатҳои БМТ;
- ташкили механизми муассири ҳамкорӣ бо ассотсиатсияҳои касбии ТҚМ дар таҳия ва такмили доимии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҲҲИХМ, татбиқи назорат ва ҳуқуқи татбиқ;
- таҳияи барномаи ҳамкорӣ ва табодули маълумот бо ТҚМ дар соҳаи ХМР;

- таҳия ва амалӣ намудани маъракаҳои гуногуни огоҳсозии мардум оид ба хизматрасониҳои молиявӣ ва барномаҳои саводнокии молиявӣ.

*3) Ҳамкории байналмилалӣ, аз ҷумла:*

- татбиқи самарабахши лоиҳаҳо ва ташаббусҳои ҷорӣ бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла донорҳо;
- роҳандозӣ ва тавсеаи робитаҳои самарабахш бо ташкилотҳои байналмилалие, ки дар самти ҲҲИХМ фаъолият менамоянд;
- таҳияи лоиҳаҳо барои маблағгузории эҳтимолӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо.

## БОБИ 4. ТАЪМИНОТ БО ЗАХИРАҲОИ КАДРӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРӢ

### §1. Захираҳои кадрӣ (ҳайати кормандон)

108. Бо дарназардошти васеъ гардидани вазифаю фаъолияти идораи ҲҲИМ, бахусус дар самти назорат, таҳкими сохтори он ва ҷалби мутахассисони касбию баландихтисос пешбинӣ шудааст.

109. Барои такмил намудани баъзе равандҳо ё иҷрои вазифаҳои мушаххас идораи ҲҲИХМ метавонад бо кормандони дигар воҳидҳои сохторӣ (департаменти назорати бонкӣ, идораи назорати суғуртавӣ, идораи низоми пардохт, пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва ғайра) ҳамкорӣ кунад. Идора метавонад донишҷӯён ва ихтиёриёнро ба кори худ, аз ҷумла барои баргузории чорабиниҳои оммавӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, гузаронидани таҳқиқот, пурсишҳо ва ғайра ҷалб намояд.

110. Дар сурати мавҷуд будани дастгирии техникӣ ё молиявӣ идораи ҲҲИХМ ҳангоми зарурат метавонад дигар ширкатҳоро барои хизматрасонии махсус ҷалб намояд, ба монанди:

- чорабиниҳои "Харидори махфӣ";
- пурсишҳо ва таҳқиқоти иҷтимоӣ;
- таҳияи сомонаҳои интернетӣ;
- омода кардани мавод, саҳначаҳои видеоӣ, буклетҳо ва дигар манбаъҳои маълумот.

111. Идораи ҲҲИХМ инчунин метавонад аз имконоти манбаъҳои беруна (ташкилотҳои байналмилалӣ, донорҳо ва дигар ҷонибҳои манфиатдор) барои иҷрои лоиҳаҳо ва вазифаҳои мушаххас, аз ҷумла

баланд бардоштани малакаи кории кормандони идора истифода барад.

112. Идораи ҲҲИХМ бояд ба таври доимӣ фаъолият анҷом дода, барои баланд бардоштани малакаи кории кормандони худ, аз ҷумла иқтидори назоратии идора чораҳо андешад.

### §2. Маблағгузорӣ

113. Татбиқи Стратегия ҷалби захираҳои муайяни молиявиро талаб мекунад. Таъмини саривақтии захираҳои зарурӣ ба татбиқи самарабахши чорабиниҳои ба нақша гирифташуда ва кам кардани хавфҳои имконпазир дар ҷараёни татбиқи онҳо мусоидат хоҳад кард.

114. Захираҳои молиявӣ метавонанд бевосита аз ҷониби БМТ, инчунин аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии манфиатдор ё донорҳо пешниҳод карда шаванд. Аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо дар доираи кӯмаки техникӣ маблағгузории баъзе чорабиниҳои Стратегия ва Нақшаи амал дар назар аст, ба монанди:

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ;
- таҳияи дастурҳои методӣ оид ба назорат;
- дастгирии техникӣ барои таҳияи саҳифаҳои сомона оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истъмолкунандагон дар сомонаи интернетии БМТ;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ ва маводи таълимӣ оид ба маърифати молиявӣ барои гурӯҳҳои мақсаднок;
- омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани механизми мустақили ҳалли баҳсҳо дар мисоли омбудсмени молиявӣ;
- омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар ва ташаккули равишҳо барои такмили соҳаи ҲҲИХМ дар Тоҷикистон.

## БОБИ 5. МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚ

### §1. Нақшаи амал

115. Нақшаи амал қисми ҷудонашавандаи Стратегияи мазкур буда, чорабиниҳои аз рӯи самтҳо гурӯҳбандишуда, мухлати татбиқи онҳо ва шахсони масъулро дар бар мегирад.

116. Барои назорати иҷрои Стратегия ва Нақшаи амал бо ташаббуси БМТ гурӯҳи кории дохилӣ таъсис дода мешавад. Ба гурӯҳи корӣ намояндагони идораи ҲҲИХМ шомил мешаванд.

### §2. Мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии раванди татбиқи Стратегия

117. Гурӯҳи корӣ ҳар сол самаранокии татбиқи Стратегияро назорат карда, аз натиҷаи ин гуна назорат ба роҳбарияти БМТ ҳисобот пешниҳод менамояд.

118. Дар асоси арзёбии ҷараёни татбиқ ва самаранокии Стратегия ва дар ҳолати зарурӣ, гурӯҳи корӣ ба роҳбарияти БМТ оид ба дохил кардан, хориҷ кардан ё шарҳ додани баъзе бандҳои он ё чорабиниҳои Стратегия пешниҳодҳо манзур мекунад.

Замимаи 1 ба Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба такмили механизми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ барои солҳои 2022-2025

# НАҚШАИ АМАЛ

## вобаста ба татбиқи Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба такмили механизми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ барои солҳои 2022–2025

| № | Мақсадҳо | Номгӯи чорабиниҳо | Мухлат | Масъули иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | **Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва танзим** | | | | |
| 1.1. | Тақвияти ваколати ниҳодии БМТ дар соҳаи ҲҲИХМ | Ворид кардани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", "Дар | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ ва сохторҳои дахлдори БМТ | Идораи ҲҲИХМ лоиҳаи қонунҳои дахлдорро таҷдиди назар карда, тағйиру иловаҳо ворид намуда, барои баррасӣ ба дигар |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | бораи фаъолияти суғуртавӣ” ҷиҳати фароҳам овардани заминаи зарурии ҳуқуқӣ барои қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии иловагии БМТ оид ба ҲҲИХМ. | | | воҳидҳои сохтории БМТ, Раёсати БМТ пешниҳод менамояд. Раёсати БМТ тағйиру иловаҳоро ба Ҳукумат ва парламент пешниҳод мекунад. |
| | | Тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи реклама” ва/ё санадҳои меъёрии дахлдор оид ба таъини БМТ ба ҳайси мақоми ваколатдор, ки барои татбиқи қонун дар бораи хизматрасониҳои молиявӣ масъул аст, бо роҳ надодани такроршавии ваколатҳои ХЗҲҶТ. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ ва сохторҳои дахлдори БМТ | Идораи ҲҲИХМ тағйиру иловаҳои дахлдорро ворид намуда, барои баррасӣ ба дигар воҳидҳои сохтории БМТ, Раёсати БМТ пешниҳод менамояд. Раёсати БМТ тағйиру иловаҳоро ба Ҳукумат ва парламент пешниҳод менамояд. |
| 1.2. | Такмили реҷаи ифшои маълумот ба | Дар асоси таҳлилҳо қабули талабот ва шаклҳои стандартии МДА доир ба | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ ва сохторҳои | Илова бар МДА, ки дар Дастурамали №241 оид ба қарзҳо ва амонатҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | истеъмолкунанда гон аз ҷониби ТҚМ | намудҳои нисбатан маъмули қарзҳо ва дигар маҳсулоти чакана. | | дахлдори БМТ | муқаррар шудааст, зарурати қабули МДА барои намудҳои алоҳидаи қарз дар асоси таҳлили амалияи истифодаи МДА-и умумии қарзҳо баррасӣ карда шавад. |
| | | Таҳқиқи амалияи ифшои маълумот дар бораи ХМР ва мутобиқсозии талаботи меъёрӣ барои ХМР ва пардохтҳои электронӣ тавассути қабули талабот ё тавсияҳои алоҳидаи меъёрӣ. | 2022-2023 | Идораи ҲҲИХМ ва сохторҳои дахлдори БМТ | Идораи ҲҲИХМ таҳқиқи амалияи ифшои маълумотро дар бораи ХМР анҷом медиҳад (бо ҷалби кумаки техникӣ) ва дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо омода менамояд. |
| | | Дохил кардани бахши суғурта ба реҷаи ифшои маълумот тавассути қабули тағйироти дахлдор ба Дастурамали №241 | 2022-2024 | Идораи ҲҲИХМ, идораи назорати | Идораи ҲҲИХМ дар якҷоягӣ бо идораи назорати суғуртавӣ ҷиҳати дохил кардани |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ”Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ”. | | суғуртавӣ | бахши суғурта ба реҷаи умумии ифшои маълумот ба истеъмолкунандагон, ки бо Дастурамали №241 муқаррар шудааст, чораҳои зарурӣ меандешанд. |
| 1.3. | Баланд бардоштани шаффофият дар бахши молиявӣ | Таҳия ва қабули талаботи иловагии меъёрӣ барои рекламаи хизматрасониҳои молиявӣ дар сандаҳои меъёрии амалкунандаи БМТ. | 2022-2023 | Идораи ҲҲИХМ | Талабот пас аз қабули тағйироти дахлдор ба санадҳои меъёрӣ қабул карда мешавад. |
| | | Дохил кардани бахши суғурта ба реҷаи интишори маълумот тавассути қабули тағйироти дахлдор ба Дастурамали №242 ”Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ”. | 2022-2024 | Идораи ҲҲИХМ, идораи назорати суғуртавӣ | Идораи ҲҲИХМ дар якҷоягӣ бо идораи назорати суғуртавӣ барои шомил кардани бахши суғурта ба реҷаи умумии интишори маълумот, ки бо Дастурамали №242 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | муқаррар шудааст, чораҳои зарурӣ меандешад. |
| 1.4. | Такмили минбаъдаи талаботҳои меъёрӣ ва такмили амалияи кории ТҚМ | Татбиқи талаботҳои иловагии меъёрӣ/тавсияҳо оид ба амалияи гурӯҳбандӣ ва пайванди маҳсулотҳои молиявӣ ва хизматрасониҳо. | 2022-2024 | Идораи ҲҲИХМ | Пас аз таҳқиқи муфассали амалия. Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. |
| | | Ҷорӣ намудани талаботҳои иловагии меъёрӣ/тавсияҳо доир ба таҷрибаи ситонидани қарз, ки амалияи беадолатона ситонидани қарзро манъ мекунад, аз ҷумла ҳангоми ҷалби шахсони сеюм. | 2023-2025 | Идораи ҲҲИХМ | Пас аз таҳқиқи муфассали амалия. Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. |
| 1.5. | Такмили механизмҳои баррасии муроҷиати истеъмолкунанда-гон дар ТҚМ | Қабули санади меъёрии БМТ дар бораи баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби ТҚМ. | 2022-2024 | Идораи ҲҲИХМ ва сохторҳои дахлдори БМТ | Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ пас аз дохил намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунҳои амалкунанда баррасӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | карда мешавад. |
| | | Муқаррар кардани шакли стандартии ҳисоботӣ барои муроҷиатҳои истеъмолкунандагон ба ТҚМ. | 2022-2024 | Идораи ҲҲИХМ | Шакли ҳисоботӣ ҳамчун як қисми санади меъёрӣ оид ба баррасии муроҷиатҳо қабул карда мешавад. |
| **2** | **2. Назорат дар соҳаи ҲҲИХМ** | | | | |
| 2.1. | Рушди низоми назорат аз болои фаъолияти ТҚМ дар самти ҲҲИХМ | Таҳия ва қабули воситаю механизмҳои анҷом додани назорат, аз ҷумла дастур барои санҷиш дар ҷойҳо (on-site).<br><br>Таҳия ва татбиқи механизмҳои дахлдор ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии муроҷиатҳои хаттӣ ва электронии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ба хусус тариқи “марказҳои дастгирӣ”, “чат-ботҳо”, | 2022-2023<br><br>2023-2024 | Идораи ҲҲИХМ<br><br>Идораи ҲҲИХМ ва сохторхои дахлдори БМТ | *Лоиҳаи дастури санҷиш дар ҷойҳо таҳия шуда, барои мувофиқа пешниҳод карда шудааст.* |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | шабакаҳои иҷтимоӣ воридгашта. | | | |
| | | Таҳия ва татбиқи Тартиби "Хариди махфӣ" (Mystery Shopping) бо мақсади муайян намудани хатоиҳо ва камбудиҳои мавҷуда дар фаъолияти ТҚМ дар самти риояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон. | 2022-2023 | Идораи ҲҲИХМ | Лоиҳаи тартиб дар доираи кумаки техникӣ таҳия шуда истодаст. |
| 2.2. | Такмили чораҳои таъсиррасонӣ ва назоратӣ дар самти ҲҲИХМ | Таҳия ва қабули методологияи татбиқи ҳуқуқ (чораҳои таъсиррасонӣ) дар самти ҲҲИХМ. | 2022-2023 | Идораи ҲҲИХМ | Пас аз таҳқиқи муфассали амалия. Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. |
| | | Ҷорӣ намудани назорати ҲҲИ дар бозори суғурта. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ, идораи назорати суғуртавӣ | Пас аз дохил кардани бахши суғурта ба реҷаи умумии танзими ҳуқуқии ифшо ва интишори маълумот аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **3. Баррасии мурочиатҳои истеъмолкунандагон** | | | | |
| 3.1. | Ташкили механизмҳои самараноки баррасии мурочиатҳои истеъмолкунанда-гон ва баҳсҳои байни истеъмолкунанда-гон ва ТҚМ | Гузаронидани омӯзиш, арзёбии ниҳодии сохтор ва ташкили механизми мустақили мурочиатҳо бо назардошти масъалаҳои мустақилият ва устуворӣ бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ бо ҷалби бахши молиявӣ, ассотсиатсияи ТҚМ, ассотсиатсияи миллии ташкилоҳои суғуртавии Тоҷикистон, БҶ ва донорҳо | Ин чорабинӣ дар сурати ба мувофиқа расидан ва қабули қарор оид ба зарурати ташкили механизми мустақили баррасии мурочиатҳои истеъмолкунандагон баргузор мегардад. Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. |
| | | Гузаронидани мизи мудаввар / муҳокимаи ошкоро дар мавзуи механизми мустақили ҳалли баҳсҳо дар бахши молиявӣ. | 2024-2025 | Идораи ҲҲИХМ бо ҷалби бахши молиявӣ, ассотсиатсияи ТҚМ, ассотсиатсияи миллии | Бахши молиявӣ бояд манфиатдор бошад ва дар ташкили механизми алтернативии ҳалли баҳсҳо ташаббус нишон диҳад. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ташкилоҳои суғуртавии Тоҷикистон, БҶ ва донорҳо | |
| | **4. Маърифати молиявӣ** | | | | |
| 4.1. | Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ / малакаҳои истеъмолкунандаго ни хизматрасониҳои молиявӣ | Ҳамоҳангсозии ҳафтаҳои ҷаҳонии солонаи саводнокии молиявӣ, ташкил ва гузаронидани семинарҳо ва тренингҳо, паҳн намудани маводҳои иттилоотӣ ва видеоӣ, иштирок дар барномаҳои тавзеҳии телевизион ва радио ва ғайра. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ | Бо ҷалб намудани мақомотҳои дахлдори давлатӣ, ТҚМ, ассотсиатсияҳои ТҚМ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар шарикон. |
| | | Пешбурди фаъолияти маърифатии маҳфилҳои иқтисодӣ дар заминаи мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ бо ҷалби ТҚМ | |
| | | Такмили минбаъдаи сомонаи идораи ҲҲИХМ, таҳия ва | 2022-2025 | Идораи | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | интишори мавод оид ба саводнокии молиявӣ дар сомонаи БМТ, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра. | | ҲҶИХМ | |
| | | Роҳандозӣ ва пешбурди минбаъдаи сомона / портал оид ба саводнокии молиявӣ. | 2022-2023 | Идораи ҲҶИХМ | Бо ҷалб намудани донорҳо, шарикони дигар. |
| 4.2. | Андешидани чораҳои зарурӣ барои тасдиқ ва татбиқи Стратегияи миллии маърифати молиявӣ | Ҳамоҳангсозии раванди таҳия ва қабули Стратегияи маърифати молиявӣ. | 2022-2023 | БМТ бо ҷалби дигар мақомотҳои давлатӣ, ассотсиатсияҳои ТҚМ, ассотсиатсияи миллии ташкилоҳои суғуртавии Тоҷикистон | Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. |
| 4.3. | Мониторинги саводнокии молиявии аҳолӣ | Ҷорӣ намудани низоми доимии мониторинги сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, | 2022-2025 | Идораи ҲҶИХМ | Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | арзёбии самаранокии тадбирҳои сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ. | | | |
| | **5. Чорабиниҳои дигар** | | | | |
| 5.1. | Таъмини дастрасии васеи истеъмолкунандагон ва ТҚМ ба маълумот дар бораи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва маҳсулотҳои молиявӣ | Сохтан ва ҷойгир кардани воситаи муқоисавӣ барои маълумот дар бораи фоизи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар сомонаи БМТ ё сомонаи алоҳида. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ, департаменти технологияҳо и иттилоотӣ, департаменти назорати бонкӣ идораи низоми пардохт | Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. Пас аз таҳқиқи амалияи байналмилалӣ. |
| | | Дар асоси натиҷаҳои мониторинг ва санҷишҳо, инчунин таҳлили мурочиатҳо, нашри маълумот дар бораи таҳлили бозор, омори | Ҳар сол, шуруъ аз солҳои 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ | Ба таври алоҳида ё дар дигар ҳуҷҷатҳое, ки БМТ нашр менамояд. Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. Пас аз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | муроҷиатҳо ва дигар маълумот дар сомонаи БМТ. | | | таҳқиқи амалияи байналмилалӣ. |
| 5.2. | Рушди иқтидори захираҳои идораи ҲҲИХМ. | Инкишофи малака ва тахассуси касбии кормандони идораи ҲҲИХМ барои татбиқи самарабахши сиёсат ва назорати ҲҲИ. | | Идораи ҲҲИХМ | Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. |
| | | Иштирок дар барномаҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисоси кормандони идораи ҲҲИХМ. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ | Дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ. |
| | | Рушди иқтидори назоратии идораи ҲҲИХМ | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ | Бо ҷалби кӯмаки техникӣ. |
| 5.3. | Ҳамкорӣ бо ассотсиатсияҳои ТҚМ. | Ҷалби ассотсиатсияҳои ТҚМ дар таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии соҳаи ҲҲИ. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5.4. | Иртибот ва ҳамкорӣ бо шарикон. | Татбиқи самараноки лоиҳаҳо ва ташаббусҳои ҷорӣ бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла бо донорҳо, ки дар самти ҲҲИ ҳамкорӣ менамоянд. | 2022-2025 | Идораи ҲҲИХМ | Дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ. |